# Барномаи волояти ҳуқуқ дар Осиёи Марказӣ барои солҳои 2020-2024

Фазои умумии ҳуқуқӣ
Тақвияти ҳимояи ҳуқуқи инсон
Мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодӣ
Бунёди институтсионалӣ

Аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо ҳаммаблағгузорӣ карда мешавад

ИТТИҲОДИ АВРУПО

COUNCIL OF EUROPE

CONSEIL DE L'EUROPE

Аз ҷониби Шӯрои Аврупо ҳаммаблағгузорӣ ва татбиқ карда мешавад



Барномаи волоияти ҳуқуқдар Осиёи Марказӣ (2020-2024*) – дар доираи ҳамкории байни Иттиҳоди Аврупо ва Шӯрои Аврупо дар асоси арзишҳо ва ҳадафҳо умумӣ таҳия гардидааст. Барнома барои ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки хоҳиши истифодаи таҷрибаи Шӯрои Аврупоро доранд ва шартҳои ҳамкориро тибқи сиёсати Шӯрои Аврупо нисбати ҳамсояминтақаҳо риоя менамоянд, боз мебошад. Барнома ҳамчунин ба Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ мутобиқат мекунад. Ҳадафи асосии Барнома беҳтаргардонии ҳаёти шаҳрвандон бо роҳи тақвияти ҳуқуқи инсон, демократия ва волоияти ҳуқуқмутобиқи стандартҳои аврупоӣ ва дигар стандартҳои байналмилалӣ мебошад. Асоси Барномаро назарияи ба инобатгирии хусусиятҳо ва талаботҳои ҳар як давлат ташкил медиҳад.

Барнома аз се самти асосӣ иборат мебошад:

- 1. Мусоидат барои таъсиси фазои ягонаи ҳуқуқӣ байни Аврупо ва Осиёи Марказӣ ва тақвияти ҳимояи ҳуқуқи инсон;
- 2. Мусоидат ба шаффофият ва мубориза бар зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ;
- 3. Мусоидат ба фаъолияти самараноки сохторҳои давлатӣ ва мақомоти идоракунии давлатӣ.

* Барнома то моҳи июни соли 2024 тамдид карда шуд.

## МО БА ЧӢ КУШИШ МЕНАМОЕМ?

- Васеъгардонии фазои ягонаи ҳуқуқӣ байни Аврупо ва Осиёи Марказӣ ва тақвияти ҳимояи ҳуқуқи инсон;
- Тақвияти ҳуқуқи инсон тариқи таблиғи барномаи омӯзишии HELP дар Осиёи Марказӣ;
- Баланд бардоштани сатҳи пешбурди бовиҷдонаи тиҷорат ва мутобиқати бахши хусусӣ ба талаботи қонунгузорӣ ҳангоми паст намудани монеаҳои маъмурӣ ва таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон дар кишварҳои Осиёи Марказӣ;
- Тақвияти самарнокии низоми муқовимат ба коррупсия, пулшӯӣ ва баргардонидани активҳо (сармоя) дар кишварҳои Осиёи Марказӣ;
- Мусоидат намудан ба шарикони миллӣ дар ислоҳоти низомҳои миллии ҳуқуқӣ, институтҳои давлатӣ ва низоми судӣ.

### Маълумоти кутоҳ дар бораи Барномаи волоияти ҳуқуқ дар Осиёи Марказӣ

Барнома аз ҷониби Шӯрои Аврупо бо буҷаи умумии €8 889 000 (90% -ро Иттиҳоди Аврупо, 10% -ро Шӯрои Аврупо маблағгузорӣ менамоянд);

Фарогирии Барнома бо назардошти ченакҳои муҳими минтақавӣ кишварҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистонро дарбар мегирад;

Роҳбарии амалисозии Барномаи мазкур аз ҷониби Кумитаҳои роҳбарикунандаи минтақавӣ ва дуҷониба, ки ба ҳайати онҳо намояндагони ҳокимияти миллӣ, Иттиҳоди Аврупо ва Шӯрои Аврупо шомил мегарданд.

## МО ЧӢ ГУНА КОР МЕКУНЕМ?

- Донишҳоро оид ба Конвенсияҳои калидии Шӯрои Аврупо баланд мебардорем, ба таблиғи фаҳмиши амиқи низомҳои конвенсияҳо ва татбиқи самараноки конвенсияҳои тасдиқшуда ва дигар стандартҳои байналмилалӣ мусоидат менамоем;
- Ба муколамаи минтақавӣ ва васеъгардонии шабакаи коршиносони касбӣ мусоидат менамоем, инчунин табодули механизмҳои минтақавии таҷрибаи пешқадамро рушд медиҳем;
- Маълумоти коршиносиро барои беҳтаргардонии заминаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод намуда, барои бунёди институтсионалӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоидат менамоем;
- Барои амалисозии ислоҳот тренингҳо ташкил менамоем, тавсияҳо ва дигар шаклҳои кумаки техникиро ба кишварҳои Осиёи Марказӣ пешниҳод мекунем.



## УСУЛИ ЯГОНА

### Ҳамкории минтақавӣ

Бо нигоҳ доштани тавозун байни чорабиниҳои сатҳи миллӣ ва минтақавӣ, Барнома имкон медиҳад, ки вазифаҳои умумии минтақавӣ бо роҳи нисбатан самаранок ва ҳамоҳангсозӣ халлу фасл гардида, ҳамзамон ба талаботи мушаххас ва ниёзҳои кишварҳои алоҳида эътино дода шавад.

### Баҳисобгирии хусусият ва талаботи кишвари алоҳида

Барнома ба усуле асос ёфтааст, ки хусусият ва талаботи кишвари алоҳида ба ҳисоб гирифта шавад ва дар ҳолати зарурӣ ба ниёзи ҳокимияти миллӣ эътинои саривақтӣ медиҳад. Машваратҳо мунтазам бо шарикони миллӣ имкон медиҳад, ки ба нақшаи кории Барнома таъҷилан дигаргунӣ ворид гардад ва дастгирӣ ба он соҳаҳои зарурӣ равона мешаванд ва дар онҷо, натиҷаҳои беҳтар ба даст хоҳад овард.

### Ҷалби шарикон ва масъулияти онҳо ба натиҷаи Барнома

Ҷалби шарикони миллӣ ва қабулкунии Барнома ҳамчун роҳнамо аз ҳисоби иштироки фаъол ва мунтаззами онҳо дар таҳия ва амалисозии Барнома таъмин карда мешавад. Ғайр аз он, чунин ҷалбкунӣ ва ҳисси масъулият ба мустаҳкамии дастовардҳо ва кушиши қатъии ноилшавӣ ба натиҷаҳои Барнома аз ҷониби шарикон мусоидат менамояд.

### Масъалаҳои байнисоҳавӣ

Ҳамаи чорабиниҳо дар доираи Барнома бо баҳисобгирии ҳуқуқи инсон, аз он ҷумла, принсипҳои поймол накардан, баробарӣ, иштироки фарогир бо таваҷҷӯҳ ба гурӯҳҳои осебпазир ва ақаллиятҳо гузаронида мешаванд. Баробарии гендерӣ дар фаъолияти лоиҳавӣ тибқи Стратегияи баробарии гендерии Шӯрои Аврупо ва дар асоси Васоити баҳисобгирии мушкилоти гендерӣ барои лоиҳаҳои ҳамкорӣ таъмин карда мешаванд. Ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣдар асоси Принсипҳои роҳбарикунандаи иштироки ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар лоиҳаҳои ҳамкории Шӯрои Аврупо таъмин мегардад.




## Секунҷаи стратегии Шӯрои Аврупо

Барномаи Шӯрои Аврупо оид ба кӯмаки техникӣ қисми таркибии секунҷаи стратегии муайянсозии стандартҳо, мониторинг ва ҳамкориро ташкил медиҳад. Баъди таҳияи стандартҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳатмӣ, давраи мониторинги онҳо тариқи иҷрои механизмҳои мустақил фаро мерасад, ки он бо ҳамкории техникӣ барои мусоидат дар воридсозии онҳо пурра мегардад. Дар ҳолати кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки аъзои Шӯрои Аврупо намебошанд, то лаҳзае, ки ин кишварҳо тарафи шартномавии конвенсияҳои дахлдор нагарданд, механизмҳои мониторинг татбиқ намешаванд. Шӯрои Аврупо дар соҳаҳое рушд ва фаъолият мекунад, ки Ташкилот дорои донишҳо ва таҷрибаи кофӣ ва тавассути гурӯҳи коршиносони эътирофшудаи байналмилалӣ дар амалисозии онҳо саҳми назаррас мегузорад.



ТАМОС

Гурӯҳи ҳамоҳангсози Барномаи волоияти
ҳуқуқ дар Осиёи Марказӣ
Раёсати ҳамоҳангсозии барномаҳо
Шӯрои Аврупо
Avenue de l'Europe F-67075 Страсбург Седекс, Франция

Почтаи электронӣ: central.asia.programme@coe.int

@CentralAsia.RuleofLaw

СОМОНА
http://central-asia-eu.coe.int/

PREMS 152023 – Photos: Shutterstock

TAJIK

Кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо тасмим гирифтаанд, технологияҳои пешқадами хеш, захираҳо ва сарнавишти худро муттаҳид созанд. Якҷоя онҳо минтақаи мӯътадил, демократия ва рушди устувор сохта, ҳамзамон гуногунии фарҳангӣ, таҳаммулпазирӣ ва озодии шахсиятро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо ба табодули дастовардҳо ва арзишҳои худ бо кишварҳо ва мардуми берун аз сарҳадоти худ кушиш менамояд.

**www.europa.eu**

Шӯрои Аврупо ташкилоти пешбари ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошад. Ба он 46 кишвари аъзо, аз ҷумла ҳамаи аъзои Иттиҳоди Аврупо шомил ҳастанд. Ҳамаи кишварҳои аъзои Шӯрои Аврупо Конвенсияи Аврупо дар бораи ҳуқуқҳои инсон, шартномаи байналмиллалие, ки барои ҳимояи ҳуқуқҳои инсон, демократия ва волоияти ҳуқуқ равона шудааст, имзо кардаанд. Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон назорати татбиқи Конвенсияро дар кишварҳои аъзо амалӣ месозад.

**www.coe.int**

Аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо ҳаммаблағгузорӣ карда мешавад

ИТТИҲОДИ АВРУПО

COUNCIL OF EUROPE

CONSEIL DE L'EUROPE

Аз ҷониби Шӯрои Аврупо ҳаммаблағгузорӣ ва татбиқ карда мешавад